22. Баъди тафсир чӣ кор кардан мумкин аст?

### III. Кор оид ба ТДУ дар Тоҷикистон

23. Кадом фаъолият оид ба ТДУ аз тарафи давлат анҷом дода мешавад?
24. Оё иттиҳодияҳои ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ оид ба таҳияи маводҳо барои ТДУ вуҷуд доранд?
25. Иттиҳодия дар назди худ кадом вазифаҳоро мегузорад?
26. Оё Иттиҳодия ният дорад бо гурӯҳи кории ҳукуматӣ ҳамкорӣ намояд?
27. Кадом масъалаҳо дар ҳисоботи алтернативӣ фаро гирифта мешаванд?
28. Иттилооти иловагиро аз куҷо дастрас кардан мумкин аст?

**Замимаи 1**. Ҷадвали иштироки давлатҳои аъзои СММ дар ТДУ (бо забони англисӣ)
**Замимаи 2.** Нақши ТҒҲ дар раванди ТДУ (нақша)
**Замимаи 3.** Таҷрибаи ТҒҲ Бразилия оид ба амалҳо баъди гузаронидани ТДУ.


## I. Иттилооти муқаддимавӣ оид ба ТДУ

**1. Тафсири даврии универсалӣ чист?**

Тафсири даврии универсалиро бояд аз дигар расмиёти ҳифзи ҳуқуқе, ки дар системаи СММ қабул гардидаанд, лозим аст фарқ кард, масалан, баррасии гузоришҳо ва шикоятҳо аз ҷониби Кумитаҳои СММ оид ба ҳуқуқи инсон, фаъолияти гузоришдиҳандагони махсус ва ғайра. Тафсири даврии универсалӣ (ТДУ) – ин механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон аст, ки дар системаи СММ вуҷуд дорад.

**2. ТДУ бо кадом ҳуҷҷатҳо ба танзим дароварда мешавад?**

ТДУ бо *қатъномаи 60/251* Ассамблеяи Генералии СММ, ки 15 марти соли 2006 қабул гардидааст, ҷорӣ карда шуда буд. Дар қатънома зикр карда мешавад, ки ТДУ:

5. Ба иттилооти холисона ва боэътимоду саҳеҳи иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби давлат асос ёфтааст;
6. Нисбати ҳамаи давлатҳо фарогирии умумӣ ва муносибати баробар дорад;
7. Механизми ҳамкорӣ буда, ба муколамаи интерактивӣ миёни давлати баррасишаванда ва давлатҳои нозир ва аъзои шӯро асос ёфтааст. Иштирок пурраи кишвар таъмин карда мешавад;
8. Дигар механизмҳои оид ба ҳуқуқи инсонро такмил мекунад, вале такрор намекунад.

Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон – ин мақомоти СММ аст, ки ба зиммаи он вазифаи ба таври доимӣ назорат намудани иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби ҳар яке аз 192 давлати узви СММ вогузор карда шудааст.

**3. Асосҳои ТДУ кадомҳоянд?**

Вазъи ҳуқуқи инсон дар давлат дар асоси инҳо баррасӣ карда мешавад: Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар; шартномаҳои оид ба ҳуқуқи инсон, ки давлат узви онҳо мебошад; меъёрҳои ҳуқуқи гуманитарии байналмилалие, дар ин масъала истифода мегарданд.

**4. Тафсир чанд маротиба гузаронида мешавад? Кай Тоҷикистон дар ТДУ иштирок хоҳад кард?**

Тафсир ҳар 4 сол гузаронида мешавад. Баррасии гузориши Тоҷикистон моҳи октябри соли 2011 пешбинӣ карда шудааст. Ҷадвали иштироки давлатҳои аъзои СММ дар ТДУ *Замимаи 1* оварда шудааст.

**5. Силсилаи чорсолаи ТДУ кадом марҳилаҳоро дар бар мегирад?**

Расмиёти ТДУ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Аз ҷониби давлат ва дигар тарафҳои манфиатдор омода карда шудани ҳуҷҷатҳо барои ТДУ. Дар ин муддат бо мақсади омода намудани кишвар ба ТДУ дар сатҳи миллӣ машваратҳо доир карда мешаванд. Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иттилооти худро пешниҳод менамоянд.

2. Аз ҷониби гурӯҳи кории ТДУ кабули хисобот оид ба тафсири давлат.
3. Дар ҷаласаи умумӣ (пленарӣ) қабули ҳуҷҷати ТДУ.
4. Аз ҷониби давлат ва дигар тарафҳои манфиатдор андешида шудани тадбирҳо оид ба натиҷаҳои ТДУ.

Барои ҳарчи пурратар тасаввур намудани раванди ТДУ мо дар поён нақшаи *"Расмиёти ТДУ"*- ро овардаем.

**A.Таҳияи иттилоот ба тафсирҳо**
Инҳоро дар бар мегирад:
1. Иттилооти давлат;
2. Маводи таҳиянамудаи РКОҲИ;
3. Хулосаҳои тарафҳои манфиатдор (хисоботи альтернативи)

**B.Гурӯҳи корӣ оид ба ТДУ**
1. Бо давлат мусоҳибаи интерактивӣ доир менамояд;
2. Гузоришро бо тавсияҳо ва ӯҳдадориҳои ихтиёрӣ қабул менамояд.
3.Ё дар ин марҳила ё баъдан (дар иҷлосияи навбатӣ) давлат иттилоъ медиҳад, ки он бо кадом тавсияҳо розӣ аст/нест.

**C. Иҷлосияи навбатии Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон**
1. Шӯро ҳуҷҷатро баррасӣ менамояд (дар муддати як соат);
2. Ба давлат, аъзои Шӯро, мушоҳидон, дигар тарафҳои манфиатдор имконият дода мешавад, ки фикру мулоҳизаҳои худро то қабули ҳуҷҷати ниҳоӣ изҳор намоянд.
3. Ҳуҷҷати ниҳоӣ аз ҷониби Шӯро тасдиқ карда мешавад.

**D. Тадбирҳо тибқи натиҷаҳои ТДУ.**
1. Давлат ва дигар тарафҳои манфиатдор барои татбиқи натиҷаҳои ТДУ масъул мебошанд.
2. Ҷомеаи байналмилалӣ дар рушди иқтидорҳо кӯмаки техникӣ мерасонад ва ёрӣ медиҳад.

**6. Чӣ тавр ва дар куҷо баррасӣ баргузор мегардад?**

Баррасӣ дар Женева (дар Швейтсария) дар ҷаласаи Гурӯҳи корӣ оид ба ТДУ (аз намояндагони 47 давлати аъзои Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон иборат аст) баргузор мегардад. Ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ соле 3 маротиба ба муддати 2 ҳафта баргузор мегарданд (16 давлат мавриди баррасӣ қарор дода мешавад). Ба ҳисоби миёна соле 48 давлат.

**7. Кадом саволхо дар ТДУ мавриди баррасӣ қарор мегиранд?**

ТДУ – раванди марҳила ба марҳилае мебошад, ки дар он мавриди баррасӣ қарор мегирад:
1) Вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар давлати баррасишаванда;
2) Натиҷаҳои иҷрои тавсияҳои қабулнамудаи давлат ва ваъдаҳои ихтиёран байни ду санҷиш (4 сол) додашуда аз ҷониби давлат;
3) Хисобот оид ба иҷрои тавсияҳо ва ӯҳдадориҳои марбут ба риояи ҳуқуқи инсон дар давлат барои даврае, ки баъди баррасии пештара гузаштааст.

**8. Тафсир аз кадом ҳуҷҷатҳо иборат аст?**

Барои гузаронидани санҷиши давлат се ҳуҷҷати асосӣ истифода мегарданд:

1. Хисоботи миллӣ;
2. Маводе, ки ба ҳуҷҷатҳои СММ асос ёфтааст;
3. Хулосаи маводҳои тарафҳои манфиатдор.

Хисоботи *миллӣ* – аз ҷониби давлате, ки мавриди тафсир қарор мегирад, дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ, дар ҷараёни раванди машваратҳо дар сатҳи миллӣ таҳия карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки давлат ҳангоми таҳияи гузориш бояд онро бо ҳама тарафҳои манфиатдор (аз он ҷумла ТҒҲ) муҳокима намояд. ТҒҲ метавонанд бо роҳи ба давлат пешниҳод намудани тавсияҳо барои ворид кардани иттилоот ба гузориши миллӣ саҳми худро гузоранд. Хисоботи миллӣ на бештар аз 20 саҳифа бошад.

*Маводе, ки ба ҳуҷҷатҳои СММ асос ёфтааст* – аз ҷониби Раёсати Комиссари олӣ оид ба ҳуқуқи инсон (РКОҲИ) таҳия карда мешавад: ба иттилооте асос меёбад, ки дар гузоришҳои мақомоти шартномавии (Кумитаҳои) СММ, расмиёти махсуси СММ, ва дар дигар ҳуҷҷатҳои дахлдори расмии СММ (аз ҷумла фикру мулоҳизаҳо ва тавзеҳоти давлати дахлдор) мавҷуданд. Дар ҳаҷми на бештар аз 10 саҳифа.

*Хулосаи маводҳои тарафҳои манфиатдор (ба ибораи дигар хисоботхои алтернативӣ).* Тарафҳои дигари ҷалбшуда метавонанд барои ТДУ иттилооти иловагии боэътимодоро пешниҳод намоянд. Ин маводҳо аз ҷониби РКОҲИ дар "баёни мухтасари иттилооти тарафҳои ҷалбгардида", ки набояд аз 10 саҳифа зиёд бошад, ҷамъбаст карда мешаванд.

**Ин се ҳуҷҷат одатан дар веб-сайти <u>www.ohchr.org</u> даҳ ҳафта қабл аз оғози кори Гурӯҳи кории ТДУ дастрас карда мешаванд.**

9. **Тамоми ҳуҷҷатҳоро оид ба ТДУ аз куҷо дастрас кардан мумкин аст?**

Бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба усулҳои ТДУ (қарорҳо, принсипҳои дастурӣ, фармонҳои президенти, барномаҳои кор, тақвимҳои ҷаласаҳои Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон, стенограммаҳои мулоқотҳои гуногун) дар веб-сайти зерин: http://www.upr-info.org/-Dokumenty-.html шинос шудан мумкин аст.

Ҳамчунин дар веб-сайти Комиссари Олӣ бо ин иттилоот шинос шудан мумкин аст. Дар ин ҷо шумо метавонед бо ҳуҷҷатҳои зерин шинос шавед:

- Қатъномаи КҲИ 5/1, ки расмиёти ТДУ-ро муайян кунанда:

http://ap.ohchr.org/documents/E/HRC/resolutions/A_HRC_RES_5_1.doc
**(бо забони англисӣ)**
http://daccessdds.un.org/doc/UNDOC/LTD/G07/133/44/PDF/G0713344.pdf?OpenElement
**(бо забони русӣ)**

- Қарори КҲИ 6/102:

http://ap.ohchr.org/documents/E/HRC/decisions/A_HRC_DEC_6_102.pdf
**(ба забони англисӣ)**
http://www2.ohchr.org/english/bodies/hrcouncil/docs/6session/A.HRC.6.L.11_ru.pdf
**(ба забони русӣ)**

- Номаи иттилоотӣ барои ТҒХ нисбати механизми ТДУ:

http://www.ohchr.org/english/bodies/hrcouncil/upr/noteNGO_041007.htm

- Номаи иттилоотї барои маълумоти Созмонхои милли оид ба хукуки инсон нисбати механизми тафсири даврии универсалї:

http://www.ohchr.org/english/bodies/hrcouncil/upr/noteNHRIs_041007.htm
**(ба забони англисӣ)**
www2.ohchr.org/english/bodies/hrcouncil/upr/docs/noteNHRIs_081007_ru.doc
**(ба забони русӣ)**

- Ҷадвали тафсири давлатҳо:
  http://www.ohchr.org/english/bodies/hrcouncil/upr/uprlist.pdf

- Тафсирҳои мухтасари кишварҳо дар ин ҷо ҷойгир карда шудаанд: http://www.ohchr.org/english/countries/

## III. ТДУ ва ТҒҲ

### 10. Оё ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ниҳодҳои (сохторҳои) миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар ТДУ иштирок карда метавонанд?

Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ниҳодҳои (сохторҳои) миллӣ метавонанд дар раванди ТДУ дар ҳама гуна шакл ва дар марҳилаҳои гуногун иштирок намоянд.

### 11. Шаклҳои иштироки ТҒҲ:

1. Ирсол намудани иттилоот ба Идораи Комиссари Олӣ қабл аз санҷиш;
2. Пешбарӣ намудани аъзои Гурӯҳи корӣ;
3. Баромад кардан дар ҷаласаи умумӣ қабл аз қабули қарор;
4. Назорат намудани иҷрои тавсияҳои ТДУ аз ҷониби давлати баррасишаванда.

Дар поён ҳуқуқҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар марҳилаҳои гуногуни раванди ТДУ ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд.

### C. Қабл аз ҷаласаи Гурӯҳи корӣ чӣ кор кардан мумкин аст?

### 12. Намудҳои амалҳо

ТҒҲ метавонанд қабл аз ҷаласа дар Женева тавассути амалҳои зерин дар раванди ТДУ иштирок кунанд: 1) иштирок дар машваратҳои миллӣ; 2) ирсол намудани ҳисоботхо оид ба вазъи ҳуқуқи инсон дар давлат 3) пешбарӣ намудани тавсияҳо ҳангоми тафсир ба воситаи давлатҳои дигар.

*1. Иштирок дар машваратҳои миллӣ*

Тибқи қарори қатъномаи 5/1 Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон, "ба давлатҳо тавсия карда мешавад, ки тавассути раванди васеи машваратӣ дар сатҳи миллӣ бо ҳама тарафҳои манфиатдори дахлдор иттилоот таҳия намоянд". Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ метавонанд ин имкониятро истифода намоянд ва бо ширкати миллӣ иштирок кунанд, то ки масъала оид ба ТДУ-ро ташвиқ намоянд ва таваҷҷӯҳи оммаи васеъ ва воситаҳои ахбори оммаро ҷалб кунанд. Тақрибан 12 моҳ қабл аз тафсир гузаронида мешавад.

*2. Ирсол намудани ҳисобот оид ба вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар*

Тавре ки Шумо дар хотир доред, ТДУ ба се ҳуҷҷат асос ёфтааст: ҳисоботи миллӣ, ҳисоботе, ки аз ҷониби Идораи Комиссари Олӣ таҳия шудааст ва ҳисобот оид ба вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар, ки аз ҷониби "шахсони манфиатдор" пешниҳод карда шудааст – дар мавриди мо – аз ҷониби ТҒҲ. Ин иттилоот ба Идораи Комиссари Олӣ пешниҳод карда мешавад, ки он иттилооти пешниҳодгардидаро ҷамъбаст менамояд ва ба баррасии Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон пешниҳод мекунад.

Доираи шахсоне, ки ҳуқуқ доранд дар раванди ТДУ иштирок намоянд, махсус муайян карда нашудааст. "Шахсони манфиатдори

дахлдори дигар" барои он таъкид карда мешавад, ки иштироки ягон иштироккунанда рад карда нашавад. Тарафҳои манфиатдор аз ТҒҲ, ҳимоятгарони ҳуқуқ, ниҳодҳои (сохторҳои) академӣ/таҳқиқотӣ ва дигар ташкилотҳои ҷомеаи шарҳвандӣ, ниҳодҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ташкилотҳои байниҳукуматии минтақавиро дар бар мегирад.

Дар ҳар сурат танҳо иттилооти боэътимоде истифода карда мешавад, ки аз манбаъҳои мӯътабар ва боэътимод ба даст оварда шудааст.

*3. Пешбарӣ ба воситаи давлат*

ТҒҲ метавонанд масъалаҳо/тавсияҳоеро тасвият кунанд ва пешбарӣ намоянд, ки ҳангоми тафсир тавассути дигар намояндагиҳои давлатҳои иштироккунанда (намояндагиҳо дар Женева ё сафоратҳои давлатҳо) дар раванди ТДУ муҳокима карда мешаванд. Одатан ин 2-3 моҳ қабл аз тафсир гузаронида мешавад.

Дар ин ҷо мо чунин шакли амалҳоро, ба монанди таҳия ва ирсол намудани ҳисобот оид ба вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар, нисбатан муфассалтар шарҳ медиҳем.

**13. Ирсол намудани ҳисобот. Аз ҷониби ТҒҲ нисбати иттилоот кадом талаботҳо пешниҳод карда мешаванд?**

Барои ба баррасӣ қабул карда шудан, иттилооте, ки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ирсол менамоянд, бояд ба талаботи муайяне, ки Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон қабул намудааст, мутобиқат кунад, ба таври мушаххас: ба Принсипҳои умумии дастурии таҳияи иттилоот дар чаҳорчӯбаи ТДУ[1]. Маводҳо бояд ба талаботи зерин мутобиқат кунанд:

- Махсус барои ТДУ таҳия гардидан;
- Мавҷудияти иттилооти боэътимод оид ба давлати баррасишаванда;
- Инъикос намудани масъалаҳои асосии баррасишаванда ва пешниҳод кардани тавсияҳои имконпазир ва/ё амалияи (таҷрибаи) беҳтарин;
- Ҳадди аксар 4 солро фаро гирифтан;
- Таҳия шудан ба забони расмии СММ, афзалтар ба забони англисӣ, франсузӣ ё испанӣ;
- Пешниҳод кардан дар шакли ҳуҷҷати Word (бо ҳуруфи андозаи 12, Times New Roman) ва сархатҳою саҳфаҳои рақамгузоришуда;
- Надоштани матни таҳқиромез;
- Дар ҳаҷми на **бештар аз 5 саҳифа** дар сурати ба таври инфиродӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, санадҳои иловагӣ метавонанд дар шакли замима ирсол карда шаванд. Ҳаҷми маводҳое, ки аз ҷониби иттиҳодияи бузурги тарафҳои ҷалбгардида пешниҳод карда мешаванд, метавонад **то 10 саҳифа** бошад.

**14. Маводҳо бояд ба куҷо ирсол карда шаванд?**

Маводҳои хаттӣ барои ТДУ метавонанд аз тариқи Интернет ба суроғаи зерин фиристода шаванд: uprsubmissions@ohchr.org. Иттилооте,

ки ба суроғаҳои дигар фиристода шудааст, барои баррасӣ қабул карда намешавад.

**МУҲИМ АСТ!**

1. Котиботи Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон (РКОҲИ) бояд (бо тариқи пайғоми электронӣ қабул гардидани мактуб ва ҳуҷҷатҳои шуморо тасдиқ кунад;
2. Ба воситаи почта ё факс ба РКОҲИ фиристодани ҳуҷҷатҳо танҳо дар ҳолати ноилоҷӣ мумкин аст – агар ба воситаи почтаи электронӣ фиристодани ҳуҷҷатҳо баъди чандин маротиба кӯшиш кардан ғайриимкон бошад.

**15. Андозаи маводҳои хаттии пешниҳодшаванда бояд чӣ гуна бошад?**

Мактуби ҳамроҳ ба ҳуҷҷат бояд инҳоро дар бар гирад:

- Дар мавзӯи пайғом бояд инҳоро зикр кард: номи ТҒҲ, ки ҳуҷҷатро ирсол менамояд, навъи ҳуҷҷати таҳияшуда (инфиродӣ ва/ё якҷоя), номи кишвари баррасишаванда бо зикри моҳ ва соли ҷаласаи дахлдори ТДУ, масалан: "Гурӯҳи ТҒҲ оид ба ҳуқуқи инсон – пешниҳоди якҷояи ҳуҷҷатҳо барои ТДУ – Россия – апрели соли 2008";
- Дар матни мактуб бояд иттилоот дар бораи шахсони тамос зикр карда шавад;
- Зикр кардани самти фаъолияти ташкилот/иттиҳодияе, ки ҳуҷҷатҳоро мефиристад, инчунин санаи таъсиси он (хусусан барои он ташкилотҳое, ки бори аввал ба СММ муроҷиат мекунанд) хуб мешуд.

Маводҳои ТҒҲ бояд дар ҳаҷми на бештар аз **5 саҳифа** бошанд, ба онҳо бояд ҳисоботи воқеии нисбатан муфассалтар илова карда шавад; ҳаҷми маводҳои иттиҳодияи бузурги ТҒҲ набояд аз **10 саҳифа** зиёд бошад.

Дар ҳолате, ки агар ҳуҷҷатҳо якҷоя таҳия шаванд, номҳои ҳамаи ташкилотҳо бояд дар аввали ҳуҷҷати пешниҳодшаванда зикр карда шаванд (ба ҳеҷ ваҷҳ на дар мавзӯи пайғоме, ки аз тариқи почтаи электронӣ фиристода мешавад).

Маводҳо бояд мукаммал (ниҳоӣ) бошанд. Ба онҳо алакай ҳеҷ гуна тағйирот ворид кардан мумкин нест.

Дар замимаҳо ба маводҳо **набояд** акс, харитаҳо, ҳисоботи ҳарсолаи ТҒҲ ё ҳисоботи дигар ташкилоҳо мавҷуд бошанд.
Аз ҳад зиёд истифода кардани эзоҳоти поварақ мувофиқи матлаб нест.

**МУҲИМ АСТ!**

Маводи зерин баррасӣ карда намешаванд:

- маводҳое, ки ҳаҷми онҳо аз ҳаҷми иҷозатшуда (5/10 саҳифа) зиёд мебошад;
- маводҳое, ки ба яке аз 6 забони расмии СММ пешниҳод карда нашудаанд (яъне ба забони дигар пешниҳод шудаанд);
- маводҳое, ки баъди мӯҳлати муқарраргардида қабул карда шудаанд;
- маводҳои дорои мазмуни таҳқиромез (масалан, изҳороти нажодпарастона, даъват ба зӯроварӣ ва монанди инҳо).

**16. Ҳуҷҷатҳо бояд то кадом сана фиристода шаванд?**

Маводҳои хаттӣ бояд 5 моҳ қабл аз ҷаласаи Гурӯҳи корӣ оид ба ТДУ **ба РКОҲИ** фиристода шаванд.

Қабули ҳисоботи Тоҷикистон 5 октябри соли 2011 баргузор мегардад. Ин ҷаласаи 12-уми Гурӯҳи корӣ оид ба ТДУ хоҳад буд. Бо иттилооти мазкур дар ин ҷо шинос шудан мумкин аст: http://www.ohchr.org/EN/HRBodies/UPR/Pages/UPRMain.aspx (иттилоот танҳо ба забони англисӣ дастрас аст).

**17. Барои дарёфти иттилооти иловагӣ ба куҷо муроҷиат кардан мумкин аст?**

Барои дарёфти иттилооти иловагӣ ба шӯъбаи кор бо ҷомеаи шаҳрвандии Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат кардан мумким аст.

Тел.: +41 22 917 96 56
Факс: +41 22 917 90 11
Почтаи электронӣ: civilsocietyunit@ohchr.org

## B. Ҳангоми Тафсир чӣ кор кардан мумкин аст?

**18. Намудҳои амалҳо барои ТҒҲ ҳангоми гузаронидани ТДУ:**

1. Иштирок дар тафсир;
2. Гузаронидани чорабиниҳои иловагӣ. Масалан: брифинг барои аъзои гурӯҳи корӣ ё кишвари мушоҳид.
3. Гузаронидани вохӯриҳо оид ба арзёбии тафсири давлати баррасишаванда.
4. Гузаронидани конференсияҳои матбуотӣ ё тайёр намудани ахбори фишурдаи матбуотӣ бо баҳои шумо ба тафсири доиргардида.

**19. Чӣ тавр ТҒҲ метавонанд дар ҷаласаи ТДУ иштирок намоянд?**

ТҒҲ, ки дар назди Шурои Иктисоди ва Ичтимоии СММ (ШИИСММ) мақоми машваратӣ доранд, метавонанд дар ҷаласаҳои Гӯрӯҳи корӣ оид ба ТДУ иштирок намоянд. Мутаасифона, дар ин ҷаласаҳо ба ТҒҲ сухан ё имконияти пешниҳод намудани иттилоот дар шакли хаттӣ дода намешавад. Бо иттилоот дар бораи он, ки чӣ тавр барои иштирок кардан дар иҷлосияи Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон аккредитатсия гирифтан мумкин аст, дар ин ҷо шинос шуда метавонед:

http://www2.ohchr.org/english/bodies/hrcouncil/ (иттилоот танҳо ба забони англисӣ дастрас аст).

**20. Ҳангоми иҷлосияи умумӣ:**

Баъди 3-4 моҳ пас аз тафсир иҷлосияи Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон баргузор мегардад, ки дар ҷаласаи умумии он ҳуҷҷати ниҳоӣ қабул карда мешавад (аз ҷумла тавсияҳо). Дар ин ҷо ТҒҲ метавонанд қабл аз қабули ҳуҷҷат (тавзеҳоти умумӣ) бо изҳороти шифоҳӣ баромад кунанд. Мутобиқи қарори A/HRC/RES/5/1 ба иттиҳодияҳои ТҒҲ дар ин маврид афзалият дода мешавад ва 20 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Ҳамчунин мумкин аст изҳороти хаттӣ тайёр карда шавад. Тавре, ки дар ҳама иҷлосияҳои умумӣ ҷой дорад, Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ метавонанд нисбати ҳама гуна банд изҳороти хаттӣ пешниҳод намоянд. Изҳороти хаттӣ нисбат ба изҳороти шифоҳӣ таъсири камтар доранд, вале онҳо ба ҳуҷҷатҳои расмии дорои нишони Созмони Милали Муттаҳид табдил меёбанд.

**21. Оё мустақиман назорат кардани ҷараёни ТДУ имконпазир аст?**

Бале. Иҷлосияҳо оид ба ТДУ-ро ба таври мустақим дар веб-сайти http://www.un.org/webcast/unhrc/index.asp тамошо кардан мумкин аст (тибқи ҷадвал).

**22. Баъди тафсир чӣ кор кардан мумкин аст?**

ТҒҲ метавонанд дар чорабиниҳои минбаъда оид ба натиҷаҳои ТДУ саҳми худро гузоранд. Се намуд амалҳое вуҷуд доранд, ки ТҒҲ метавонанд онҳоро анҷом диҳанд:

4. Фаъолият оид ба иҷрои тавсияҳо (дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ);
5. Мониторинги иҷрои тавсияҳо ё мушоҳида аз вазъи ҳуқуқи инсон ва чорабиниҳое, ки дар сатҳи маҳаллӣ барои татбиқи натиҷаҳои ТДУ андешида мешаванд;
6. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба ТДУ ва паҳн намудани принсипҳои дастурии он. Инро метавон бо роҳи ташкил кардани "мизҳои мудаввар", семинарҳои назариявӣ ва амалӣ, муҳкимарониҳои мавзӯӣ, тарҷума ва нашр намудани натиҷаҳои ТДУ, инчунин кор бо воситаҳои ахбори омма амалӣ намуд.

## IV. Кор оид ба ТДУ дар Тоҷикистон.

**23. Кадом фаъолият оид ба ТДУ аз тарафи давлат анҷом дода мешавад?**

Охири моҳи майи соли 2010, Котиби масъули Комиссияи ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар бораи таъсис ёфтани гурӯҳи кории иборат аз 14 нафар хабар дод. Ба ҳайати гурӯҳи корӣ намояндагони мақомоти гуногуни давлатӣ ворид шуданд, аз ҷумла, намояндагони сохтори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон. Корҳо оид ба таҳияи гузориши миллӣ

оид ба ТДУ ҷараён доранд. Баъди аз он, ки гузориш омода мегардад – он барои муҳокима дар мулоқотҳои якҷоя пешниҳод карда мешавад.

**24. Оё иттиҳодияҳои ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ оид ба таҳияи маводҳо барои ТДУ вуҷуд доранд?**

27 майи соли 2010 бо ташаббуси Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният иттиҳодияи ТҒҲ оид ба таҳияи маводҳо барои ТДУ ташкил дода шуд. Ба иттиҳодия зиёда аз 20 ТҒҲ ҳамроҳ шуданд, ҳамчунин баёнияи ҳамкорӣ ва лоиҳаи нақшаи кории иттиҳодия таҳия карда шуд.

**25. Иттиҳодия дар назди худ кадом вазифаҳоро мегузорад?**

- муайян ва тасдиқ намудани бахшҳои мавзӯии (мундариҷаи) маводҳо барои ТДУ;
- таъсис додани гурӯҳҳои корӣ оид батаҳияи бахшҳои мавзӯӣ;
- интишор намудани иттилоот оид ба расмиёти ТДУ;
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо гурӯҳи кории ҳукуматӣ;
- дар воситаҳои ахбори омма инъикос намудани раванди таҳияи маводҳо барои ТДУ;
- ҷамъбаст намудани маводҳо барои фиристодан ба РКОҲИ;
- фиристодани тафсирҳои ниҳоии маводҳо ба РКОҲИ.

**26. Оё Иттиҳодия ният дорад бо гурӯҳи кории ҳукуматӣ ҳамкорӣ намояд?**

Иттиҳодия ният дорад бо гурӯҳи кории ҳукуматӣ ҳамкорӣ намояд ва дар вохӯриҳои машваратӣ иштирок кунад. Интизор меравад, ки якҷоя бо намояндагони гурӯҳи кории ҳукуматӣ вохӯриҳои муштарак оид ба муҳокимаи бахшҳои мавзӯии гузориши миллӣ ва тафсири озод аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил карда мешаванд.

**27. Кадом масъалаҳо дар ҳисоботи алтернативӣ фаро гирифта мешаванд?**

Аз ҷониби аъзоёни Иттиҳодия пешниҳод шуд, ки масъалаҳо/мавзӯъҳои зерин барои таҳияи тафсири озод дохил карда шаванд:

- Ҳуқуқҳои кӯдак
- Ҳуқуқҳои меҳнаткашони муҳоҷир
- Масъалаҳои гендерӣ
- Ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ (дастрасӣ ба адолати судӣ)
- Ҳуқуқи иштирок дар идоракунии давлат
- Озодӣ аз шиканҷа
- Озодии изҳори ақида ва дастрасӣ ба иттилоот
- Ҳукуқҳои гурезагон
- Ҳуқуқҳои гурӯҳҳои маргиналӣ
- Ҳуқуқҳои ақилиятҳои миллӣ ва этникӣ

- Ҳуқуқҳои шахсони имкониятҳояшон маҳдуд
- Ҳуқуқ ба манзили кифояткунанда
- Ҳуқуқи дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббии босифат
- Ҳуқуқи озодии иттиҳодияҳо
- Ҳуқуқи озодии тағйири макон
- Озодии мазҳаб (дин)
- Ҳуқуқ ба муҳити зисти солим
- Дастрасӣ ба таҳсил
- Ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ
- Ҳуқуқ ба меҳнат
- Ҳуқуқи шахсони синну соли даъват ба хизмати ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ
- Ҳуқуқҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, шароити муассисаҳои адои ҷазо (пенитенсиарӣ)
- Одамфурӯшӣ/меҳнати маҷбурӣ
- Ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии шахсӣ

Дар ҳоли ҳозир 13 гурӯҳҳои мавзӯӣ таъсис дода шудаанд: 1) ҳуқуқҳои кӯдак; 2) ҳуқуқҳои меҳнаткашони муҳоҷир; 3) масъалаҳои гендерӣ; 4) ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судӣ (дастрасӣ ба адолати судӣ); 5) озодӣ аз шиканҷа; 6) озодии изҳори ақида ва дастрасӣ ба иттилоот; 7) ҳуқуқҳои гурӯҳҳои маргиналӣ; 8) ҳуқуқҳои шахсони имкониятҳояшон маҳдуд; 9) ҳуқуқ ба манзили кифояткунанда; 10) дастрасӣ ба таҳсил; 11) ҳуқуқи шахсони синну соли даъват ба хизмати ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ; 12) ҳуқуқҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, шароити муассисаҳои адои ҷазо (пенитенсиарӣ); 13) одамфурӯшӣ/меҳнати маҷбурӣ.

**28. Иттилооти иловагиро аз куҷо дастрас кардан мумкин аст?**

Шумо метавонед ба Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният (ташкилоти мазкур фаъолияти Иттиҳодияи ТҒҲ оид ба таҳияи гузориш оид ба ТДУ-ро ҳамоҳанг менамояд) муроҷиат карда, иттилооти иловагиро дастрас намоед.

**Рӯйхати ихтисорот:**
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
РКОҲИ – Раёсати Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон
ТДУ – Тафсири даврии универсалӣ
ТҒҲ – ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ

**Идораи марказӣ дар ш. Душанбе**
Кӯчаи Техрон 21
Тел: (992 44 ) 600-41-47 , 221 08 28
E-mail: bhr.taj@gmail.com

**Филиал дар ш. Хуҷанд**
Кӯчаи Ленин, хонаи 6 - кв. 1, дар назди - мағозаи "Армуғон"
Тел.: (34 22) 4 -32-06
Email: bhr-khj@mail.ru

**Филиал дар ш. Қӯрғонтеппа**
Кӯчаи Наринов 10, ошёнаи 1-ум, бинои "Тоҷиктелеком"
Тел.: (32 22) 55-40
Email: kurgantube@gmail.com

**Филиал дар ш. Хоруғ**
Кӯчаи Шириншо Шотемур 131/1, даромадгоҳи 1-ум, кв. 2
Тел: (35 22) 2-69-62
Email: bhr.khorog@gmail.com

**Замимаи 1**. Ҷадвали иштироки давлатҳои аъзои СММ дар ТДУ (ба забони англисӣ)

**Замимаи 2.** Нақши ТҒҲ дар раванди ТДУ (нақша)

**Замимаи 3.** Таҷрибаи ТҒҲ Бразилия оид ба амалҳо баъди ТДУ-и гузаронидашуда

**Каме аз амалия (таҷриба)**
Барои он, ки ба хонандагон фаҳмотар шавад, ки кадом тадбирҳои амалӣ метавонанд баъди баррасии гузориш андешида шаванд, дар ин ҷо иқтибосҳо аз китоб барои ТҒҲ, ки аз ҷониби идораи Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон таҳия гардидааст, оварда шудаанд:

***Амалҳои минбаъда тибқи ҳисоботе, ки Гурӯҳи корӣ оид ба ТДУ қабул намудааст***
Баъди анҷом додани тафсир ва қабули гузориш доир ба Бразилия аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар моҳи апрели соли 2008 Conectas, ташкилоти бразилиягии ҳифзи ҳуқуқ тадбирҳои зеринро андешид:
• тавсияҳо ва ӯҳдадориҳои ихтиёрии дар хисоботи Гурӯҳи корӣ мавҷудбударо ба забони португалӣ тарҷума намуд;
• мундариҷаи гузориши Гурӯҳи кориро, ки хулосаҳои он ба маълумоти ҳукумати Бразилия пешниҳод гардида буданд ва аз ҷониби ташкилоти Conectas дар шакли репликаи шифоҳӣ дар иҷлосияи ҳаштуми Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон баён карда шуданд, таҳлил намуд;
• якҷоя бо иттиҳидияи ТҒҲ Бразилия (Comite Brasileiro de Direitos Humanos e Politica Externa) Conectas мубоҳисаи оммавиро оид ба расмиёти гузаронидани ТДУ бо комиссияи оид ба ҳуқуқи инсони парламенти Бразилия баргузор намуд. Ҳангоми ҷаласа дар экран (парда) порчаҳо аз пахши интернетии ТДУ-и Бразилия намоиш дода шуданд.

***Амалҳои минбаъда тибқи гузориши ТДУ, ки аз ҷониби Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон тасдиқ гардидаанд***
Баъди аз ҷониби Шӯро тасдиқ гардидани гузориши хотимавӣ доир ба Бразилия Conectas:

- тибқи тавсияҳои ТДУ ва ӯҳдадориҳои ихтиёрӣ бо роҳи таъсис додани шарикӣ якҷоя бо ТҒҲ оид ба масъалаҳои мушаххас ҷиҳати арзёбӣ намудани барномаи Бразилия оид ба анҷомдиҳии ТДУ ба амалҳои минбаъда машғул шуд;
- дар доираи раванди ҷорӣ барои муайян намудани қадамҳои мушаххас ва чорабиниҳои сиёсӣ, ки ба татбиқ намудани тавсияҳои ТДУ ва иҷрои ӯҳдадориҳои ихтиёрӣ нигаронида шудаанд, бо ҳукумат кор кард. Conectas ҳамчунин бо ташкилотҳои ҳамшарик дар Аргентина, Перу, Филиппин ва ҶАҶ мубодилаи таҷриба намуда, дар гузаронидани тафсирҳои ин кишварҳо саҳми худро гузошт.